# ДАСТУРАМАЛИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МЕЪЁРӢ (САРИКАСӢ) ДАР МУАССИСАҲОИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. Муқаррароти умумӣ.

1. «Дастурамал оид ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ» дар асоси банди 3 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ», ки 2 ноябри соли 2015 №627 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида, маблағгузории муассисаҳои давлатии таълимии томактабиро аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ба танзим медарорад.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо метавонанд, ки аз ҳисоби даромади иловагии буҷетҳои маҳаллӣ барои рушди муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ маблағҳои иловагӣ равона намоянд.

3. Меъёрҳои минималӣ дар доира ва ҳаҷми буҷет барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ дар сатҳи вилоят ва минтақаҳо муайян карда шудаанд.

4. Раёстҳои молия ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо маблағгузории муассисаҳои таълимии давлатии томактабиро тибқи дастурамали мазкур дар асоси меъёрҳои минималӣ ва муассисаҳои махсусгардонидашударо бо истифода аз коэффитсиенти махсус (1,1) ба таври алоҳида амалӣ менамоянд.

5. Фаъолияти муассисаҳои давлатии таълимии томактабии шаҳру ноҳияҳо дар доираи маблағҳои пешбинишудаи Буҷети давлатӣ, маблағҳои махсус ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешаванд.

Дар ҳаммаи муассисаҳои таълимии давлатии томактабӣ вазифаҳои сармуҳосиб ва хазинадор пешбинӣ карда мешавад.

6. Дар ҳолати пайдо гардидани норасогии маблағҳои буҷетӣ, аз ҷумла (хароҷотҳои коммуналӣ) ҳангоми истифодаи формулаи меъёрӣ-сарикасӣ дар баъзе муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ бо мақомоти молияи шаҳри Душанбе, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон то 5% маблағҳои пешбинишударо дар байни чунин муассисаҳо аз нав тақсим намояд. Шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ин амалиётро дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои худ мегузаронанд.

10. Формулаи меъёрӣ (сарикасӣ) ҳамаи хароҷотҳои муассисаро (ба

истисної харочоти хӯрока, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва сохтмони асосӣ)-ро дар бар мегирад.

11. Ҳамасола меъёрҳои маблағгузории сарикасӣ вобаста ба афзоиши музди меҳнат, ва сатҳи таваррум зиёд карда мешаванд.

## 2. Нишондиҳандаҳо ва қоидаҳои тартиби таҳияи буҷети муассисаҳои давлатии томактабӣ тибқи меъёрҳои сарикасӣ.

12. Нишондоди ҳайат. Дар вақти таҳия ва нақшабандии буҷети муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ:
-шумораи кӯдакон ба ҳолати 1 апрели соли таҳияи лоиҳаи буҷет;
-шумораи гурӯҳҳо (мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардида);
-иштироки солонаи кӯдакон (кӯдак/рӯз) дар муассиса ба ҳисоб гирифта мешавад.

13. Буҷети муассисаҳи давлатии таълимии томактабӣ бо назардошти шумораи кӯдакон тибқи рӯйхат (ҳамаи кӯдаконе, ки роҳхат гирифтаанд) банақша гирифташуда, маблағгузорӣ карда мешавад.

14. Формулаи меъёрӣ (сарикасӣ) барои маблағгузорӣ намудани муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ истифода бурда шуда, барои пӯшонидани харочоти 1 (як) нафар тарбиятгиранда ва муассисаро дар бар мегирад, аз ҷумла:

*а) харочоти вобаста ба барномаҳои умумии таълимӣ, музди меҳнат ва андозҳои иҷтимоӣ;*
*б) харочоти маводи моддӣ, ки ба ҷараёни таълиму тарбия вобаста аст;*
*в) таъмири ҷорӣ;*
*г) харочоти коммуналӣ;*
*д) дигар харочоти ҷорӣ.*

***Барои муайян намудани буҷети муассисаҳо ду меъёр ва 1 коэффитсиенти махсус истифода бурда мешаванд:***

*а) меъёр барои 1 тарбиятгиранда;*
*б) меъёр барои нигаҳдории 1 муассиса;*
*в) коэффитсиент барои муассисаҳои махсусгардонидашуда.*

## 3. Дастурҳои методӣ оид ба ҳисоб намудани буҷети муассисаи давлатии таълимии томактабӣ тибқи меъёрҳои минималӣ.

15. Барои ҳисоб намудани буҷети муассисаи давлатии таълимии томактабӣ формулаи зерин истифода бурда мешавад.

***Формулаи асосӣ барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ:***
***1. БМ=(М1т*Шт)+М1м+Мх;***

***Формулаи асосӣ барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабии махсусгардонидашуда:***

***2. БМ=(М1т*Шт)*Кмх+М1м+Мх; дар ин ҷо;***

***БМ-Буҷети муассиса, ки дар асоси формула ва меъёри муаяйншуда ҳосил карда мешавад;***

***М1т-Меъёри хароҷот барои 1 нафар тарбиятгиранда;***

***Шмт-Шумораи миёнасолонаи тарбиятгирандагон тибқи рӯйхат;***

***Кмх-Коэффитсиенти махсус барои муассисаҳои махсусгардонидашуда;***

***М1м-Меъёр барои нигаҳдории муассиса;***

***Мх-Маблаги хӯрока.***

16. Маблағи умумӣ (Пакет) ба муассисаи давлатии таълимии томактабӣ дар асоси формула ва меъёрҳои муайянгардида бе тақсимот ба моддаҳои хароҷотӣ дода мешавад.

17. Ҳар як муассисаи давлатии томактабӣ мустақилона пакети худро (маблағи умумӣ) ба моддаҳои гурӯҳбандии буҷетии иқтисодӣ, мутобиқи гуруҳбандии буҷетӣ, ки аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст тақсим менамояд.

18. Маблағҳои барои муассисаҳо пешбинишуда наметавонад дар сатҳи шаҳру ноҳия ҳамчун захира нигоҳ дошта шаванд.

19. Фонди музди меҳнати маъмурият, ҳайати омӯзгорӣ ва кормандони хурди техникӣ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, тарификатсия ва ҷадвали басти воҳидҳои корӣ муайян карда шуда, пардохти он тибқи «Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф» амалӣ карда мешавад.

20. Маблағҳои махсуси муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ тибқи дастурамали Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо барои фаъолияти Оинномавӣ истифода бурда мешаванд.

21. Ҳар як муассисаи давлатии томактабӣ сметаи ягонаи даромад ва хароҷотро мутобиқи гуруҳбандии буҷети тартиб намуда, аз ҷониби шуъбаи маориф тасдиқ мегардад ва дар мувофиқа бо мақомоти маҳалли молия барои маблағгузори ба хазинадориӣ пешниҳод карда мешавад.

22. Маблағгузории меъёрӣ ҳаммаи муассисҳои давлатии томактабии шаҳру ноҳияҳоро новобаста аз шакл ва шумораи тарбиятгирандагон дар бар мегирад.

23. Маълумотномаи пурра оид ба буҷети муассисаи давлатии томактабӣ, сметаи даромад ва хароҷоти муассиса ва истифодабарии он бояд дар овезаҳо дар ҷойҳои намоён овехта шавад.

24. Барои муайян намудани маблағи хӯрокаи кӯдакон формулаи мазкур истифода бурда мешавад.

***Намуна:*** *Мх=(Шктр*Ах1н*Ик/р), ки дар ин ҷо:*

*Мх*-***Маблаги хӯрока;***

*Шктр*-***Шумораи кӯдакон тибқи рӯйхат;***

*Мх1н*-***Меъёри хӯрока ба 1 нафар дар 1 рӯз;***

*Ик/р*-***Иштироки кӯдак/рӯз дар 1 сол.***

25. Меъёри хӯрока ба 1 нафар ҳамасола аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маориф ва раёсатҳои молияи шаҳру ноҳияҳо муайян карда мешавад.

***Намунаи ҳисобукитоби маблаги хӯрока дар сатҳи муассиса.***

***Ҷадвали №1***

| *Муассиса* | *Шумораи кӯдакон тибқи рӯйхат* | *Арзиши хӯрока барои 1 нафар дар як рӯз (сом)* | *Бо ҳисоби муассиса* | |
|---|---|---|---|---|
| | | | *Иштироки кӯдак дар давоми сол (рӯз)* | *Хароҷоти хӯрока дар сол (сом)* |
| *Кӯдакистони №1 ш.Хоруг* | *220* | *1,5* | *225* | *74250* |
| *Кӯдакистони №2 ш.Кӯлоб* | *170* | *1,35* | *235* | *53932,5* |
| *Ширхоргоҳ-кӯдакистони №15 шаҳри Бустон* | *215* | *1,0* | *240* | *51600,0* |
| *Кӯдакистони №1 шаҳри Ҳисор* | *114* | *1,25* | *220* | *31350,0* |
| *Ширхоргоҳ-кӯдакистон №134 ноҳияи Фирдавсӣ* | *200* | *3,5* | *210* | *147000,0* |
| *Кӯдакстони (махсус) №27 ноҳияи Шоҳмансур* | *178* | *3,5* | *210* | *130830,0* |

***Эъзоҳ: Шумораи кӯдакон, арзиши хӯрока ва иштироки кӯдакон дар давоми сол ба таври намуна оварда шудааст.***

26. Аз 1 январи соли 2017 меъёри минималии хӯрока, ки аз 1 (як) сомонӣ кам аст ба 1 (як) сомонӣ баробар карда шуда, маблағгузорӣ карда шавад.

27. Маблағи хӯрока иловатан дар доираи маблағҳои пешбинишуда дар соли буҷетӣ вобаста ба шумораи миёнасолонаи кӯдакон тибқи рӯйхат дар алоҳидагӣ барои ҳар як муассиса ба нақша гирифта шуда, ба буҷети муассиса зам карда мешавад.

***Намунаи ҳисоби буҷети муассисаи давлатии таълимии томактабии озмоишӣ.***

***Ҷадвали №2.***

| *Номгӯи муассисаи давлатии таълимии томактабӣ* | *Шумораи кӯдакон тибқи рӯйхат* | *Меъёр барои 1 нафар кӯдак (сомони)* | *Ҳамагӣ* | *Меъёр барои 1 муассиса (сомони)* | *Коэфф. махсус* | *Ҷамъи хароҷот тибқи формула* | *Маблағи хӯрока* | *Буҷети умумии муассиса (сомонӣ)* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* | *4 (2*3)* | *5* | *6* | *7 (4+5)* | *8* | *9 (7+8)* |
| *Кӯдакистони №1 шаҳри Хоруг* | *220* | *1933* | *425260* | *68312* | *0* | *595781* | *74250* | *670031* |
| *Кӯдакистони №2 шаҳри Кӯлоб* | *170* | *1693* | *287810* | *41831* | *0* | *331398* | *53932,5* | *385330,5* |
| *Ширхоргоҳ-кӯдак. №15 шаҳри Бустон* | *215* | *1195* | *256925* | *46993* | *0* | *319892* | *51600* | *371492* |
| *Кӯдакистони №1 шаҳри Ҳисор* | *114* | *1631* | *185934* | *65368* | *0* | *240008* | *31350* | *271358* |
| *Ширхоргоҳ-кӯдакистони №134 н. Фирдавси* | *200* | *2368* | *473600* | *41231* | *0* | *460900* | *147000* | *607900* |
| *Кӯдакстони (махсус) № 27 ноҳияи Шоҳмансур* | *178* | *2368* | *421504* | *41231* | *1,1* | *504885,4* | *130830* | *635715,4* |
| ***Хамагӣ:*** | ***1097*** | | ***2051033*** | ***304966*** | | ***2452864*** | ***488962,5*** | ***2941827*** |

## 4. Вазифаҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф вобаста ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ).

4.1. Амалӣ намудани механизми нави маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) дар муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;

4.2. Саривақт тасдиқ намудани харҷномаи ягонаи даромад ва хароҷотии муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;

4.3. Ба мақомоти болоӣ саривақт пешниҳод намудани маълумоти оморӣ ва молиявӣ оид ба иҷрои буҷети муассисаҳо;

4.4. Дастгирии саривақтии машваратӣ ва амалӣ муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ дар ҷараёни татбиқи маблағгузории меъёрӣ;

4.5. Андешидани тадбирҳо оид ба омӯзиш, ташкили семинар-тренингҳо ҷиҳати такмили ихтисоси муҳосибон, мутахассисони шубаҳои маориф ва муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;

4.6 Расонидани ёрии машваратӣ ва амалӣ ба муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ дар ташкили фаъолияти муҳосибӣ-молиявӣ ва хоҷагидорӣ;

4.7. Назорати пардохти саривақтии музди меҳнати кормандон, ӯҳдадориҳо, таҳлили ҷадвали басти вазифаҳо, ҳайати кормандон ва дигар хароҷоти вобаста ба фаъолияти муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;

4.8 Ҳар семоҳа пешниҳод намудани маълумоти аниқу дақиқ оид ба воридшавии кӯмакҳои хайриявӣ, сарпарастон, грант ва дигар манбаъҳои даромади муассисаҳои давлатии томактабӣ ба мақомоти болоӣ.

## 5. Вазифаҳои мақомоти маҳаллии идоракунии молия вобаста ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ).

5.1. Саривақт мувофиқа намудани харҷномаи ягонаи даромад ва хароҷотии муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;
5.2 Дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба мақомоти болоӣ пешниҳод намудани маълумотҳои дақиқ оид ба маблағгузории муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ дар сатҳи шаҳру ноҳия;
5.3. Назорати мақсаднок ва харҷи дурусти маблағҳои ҷудогардидаи буҷетӣ ва ғайрибуҷетии муассисаҳо;
5.4. Расонидани ёрии машваратӣ ва амалӣ ба муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ дар ташкили фаъолияти муҳосибӣ-молиявӣ ва хоҷагидорӣ;
5.5. Мониторинги рафти ҷудо намудани маблағҳо барои муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ;
5.6. Дар асоси дархости асосноки раёсатҳо ва шуъбаҳои маориф ва муассисаи давлатии таълимии томактабӣ бо риояи талаботҳои қонунгузориҳои амалкунанда даровардани тағйироту илова ба сметаи ягонаи даромад ва хароҷотии муассиса.

## 6. Роҳбари муассисаи давлатии таълимии томактабӣ (минбаъд мудир).

6.1. Таъмини қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) гузаронидани муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ», аз 2 ноябри соли 2015 №627
6.2. Таъмини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботҳои моливӣ» аз 25.03.2011, №702»;
6.3. Мувофиқа ва тасдиқ намудани ҷадвали басти воҳиди корӣ ва тарификатсияи кормандони педагогӣ бо мақомоти молия ва маориф дар маҳал;
6.4. Таъмин намудани шароити меҳнат ба муҳосиб ва хазинадори муассиса;
6.5. Саривақт ва пурра пешниҳод намудани тамоми маълумот оид ба фаъолияти муассиса ба мақомотҳои болоӣ;
6.6. Самаранок ва мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ, ғайрибуҷетӣ ва амволи муассиса;
6.7. Риоя намудани ҳама гуна ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии вобаста ба маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ)-и муассиса;
6.8. Мустақилона таҳия намудани сметаи ягонаи даромад ва хароҷот, пешниҳоди саривақтӣ ва мувофиқа намудани он ба мақомотҳои молия ва маориф;

6.9. Дар ҳолати иваз шудани муҳосиб, хазиначӣ ва шахси ҳисоботдиҳанда саривақт огоҳ намудани мақомоти болоии молия ва маориф;

6.10. Дар доираи қонунгузории амалкунанда қабул ва озод намудани кормандони хурди техникии муассиса;

6.11. Интихобт ва ҷо ба ҷо гузории кормандон, имзо намудани шартнома ва қарордод бо кормандон, иҷрои кор ва хизмат;

6.12. Ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ, грант ва дигар сарчашмаҳо.

Эзоҳ: Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда бо Вазорати молияи Чумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд.